**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия
_______________Насуриён П.А.
«29» __ноябри__ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Саидзода Меҳрубон Акбархон унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Саидзода Меҳрубон Акбархон соли 2010 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми ноябри соли 2015, №515 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, онро бо фармоиши Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми апрели соли 2016, №9 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Шарипов Тақдиршо Шарипович, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, №9 аз ҷониби Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми ноябри соли 2025, №4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти

террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта» ва «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила 2023-2027» алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ бо таҳия ва баррасии масъалаҳои мубрами ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан муайян мегардад. Дар доираи таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълимӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар доираи он таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти суд ва прокуратура истифода шаванд. Ин хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар раванди таҳия ва қабул кардани қарорҳои дахлдори

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур мавриди истифода қарор гиранд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳоди мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Дар муқоиса бо қонунгузориҳои ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ (Кодекси ҷиноятии Россия, Қирғизистон, Белорус, Узбекистон, Туркманистон) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ бевосита ҷавобгарӣ пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, зарур шуморидааст, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби мустақили ҷиноятҳои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ ворид карда шавад:

«Моддаи 109.1. Моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ

1) Таҳрик намудани шахс ба содир кардани худкушӣ бо истифода аз бағапдарорӣ, ташвиқ, порадиҳӣ, фиреб ё дигар усулҳо дар ҳолате, ки аломатҳои ҷинояти ба худкушӣ расонидан мавҷуд набошанд...

2) Кӯмак расонидан ба содир намудани худкушӣ тавассути пешниҳоди маслиҳат, роҳнамоӣ, таъмин бо маълумот, восита ё олоти худкушӣ, бартарафсозии монеаҳо ё ваъдаи махфӣ нигоҳ доштани восита

ё олоти худкушӣ».

2. Унвонҷӯ бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ пешниҳод намудааст, ки номгуйи аломатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан васеъ карда шуда, ба чунин сифат аломатҳои зерин муқаррар карда шаванд: баръало дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ҷабрдида, нисбати ду ё зиёда ҷабрдида, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), тавассути истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсия, аз ҷумла, шабакаи Интернет содир шудани ба худкушӣ расонидан.

3. Бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузории ҷиноятӣ дар мавриди ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан, пешниҳод намудааст, ки Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парвандаҳои марбут ба ҷинояти ба худкушӣ расонидан» қарори дахлдор қабул намояд, ки дар он аломатҳои ҳуқуқии ин ҷиноят бо тавзеҳоти дақиқ шарҳ дода шаванд.

Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима 3 боб 8 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундаричаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Саидова М.А. Самоубийство – исключительно человеческий феномен [Матн] / М.А. Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/3. – С. 263-265; ISSN 2413-5151;

**[2–М].** Саидова М.А. Понятие, социально-правовая обусловленность доведения до самоубийства [Матн] / М.А. Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/5. – С. 222-229; ISSN 2413-5151;

**[3–М].** Саидова М.А. Омилҳои даст ба худкушӣ задани ҷавонону ноболиғон ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / М.А. Саидова // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №1 (37). – С. 157-166; ISSN 978-99947-738-0;

**[4–М].** Саидова М.А. Ҷавобгарӣ нисбат ба амали худкушӣ тибқи меъёрҳои дини ислом [Матн] / М.А. Саидова // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №2 (38). – С. 170-178; ISBN 978-99947-738-0. ISSN 2412-141X;

**[5–М].** Шарипов Т.Ш., Саидзода М.А. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар давраи аввали Ҳокимияти Шуравӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов М.А. Саидзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №3 (55). – С. 194-199; ISSN 2305-0535;

**[6–М].** Саидзода М.А. Субъекти ба худкушӣ расонидан [Матн] / М.А. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №7. – С. 257-263; ISSN 2413-5151;

**[7–М].** Саидзода М.А. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар давраи пас аз Ҳокимияти Шӯравӣ [Матн] / М.А. Саидзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №4 (56). – С.171-175; ISSN 2305-0535.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[8–М].** Саидова М.А. Тамоюлҳои асосии илмӣ перомуни мафҳум ва моҳияти объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан [Матн] / М.А. Саидова // I-умин конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он»: маводи конференсия бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (29-уми апрели соли 2022). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2022. – С. 285-293;

**[9–М].** Саидзода М.А. Ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ [Матн] / М.А. Саидзода // IV-умин конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он»: маводи конференсия бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (18-уми апрели соли 2025). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2025. – С. 437-445;

**[10–М].** Саидзода М.А. Ҷудо намудани таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз дигар таркибҳои монанд [Матн] / М.А. Саидзода // конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муосир ва рушд»: маводи конференсия бахшида ба 27-солагии Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21-уми майи соли 2025). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2025. – С. 165-171.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 29-уми ноябри соли 2025, №4 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
подполковники милитсия Заробидинзода С.З.

**Котиби ҷаласа:**
Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т.

Имзои Заробидинзода С.З. ва Аҳёзода Ш.Т.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
«29» ноябри соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru